Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 97 (4517) | ҶУМЪА, 5 АВГУСТИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## НОМАИ ҲАМДАРДӢ

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон Сайид Иброҳим Раисӣ номаи ҳамдардӣ ирсол намуданд, ки дар он омадааст:**

**«Ҷаноби Олӣ!**

Хабари талафоти ҷонӣ ва хисороти зиёди моддӣ бар асари боришоти шадид ва обхезиҳои харобиовар дар як қатор минтақаҳои Ҷумҳурии Исломии Эрон боиси андуҳи амиқи мо гардид.

Бинобар ин мусибати гарон ба Шумо, мардуми дӯсти Эрон ва аҳли пайвандону наздикони қурбониён маротиби ҳамдардӣ ва тасаллиёти ин ҷонибро иброз менамоям.

Аз даргоҳи Худованд барои ҷонбохтагон раҳмату мағфират ва барои ҳамаи осебдидагон шифои комил хоҳонам».

**www.president.tj**

## ВОХӮРИИ МАҲМАДТОИР ЗОКИРЗОДА БО ФАЪОЛОНИ ЧОР НОҲИЯИ ВИЛОЯТИ СУҒД



**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода 3 августи соли равон дар ноҳияи Спитамен бо фаъолони ноҳияҳои Спитамен, Зафаробод, Мастчоҳ, Ҷаббор Расулови вилояти Суғд мулоқот доир намуд.**

Зимни он оид ба вазъи сиёсиву иқтисодии мамлакат дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ, аҳамияти Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ дар роҳи ба эътидол овардани вазъи сиёсии кишвар, саҳми беназири Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи душвори расидан ба ваҳдати миллӣ, беҳдошти рӯзгори мардум, болоравии иқтисодиёти ҷумҳурӣ, таҳкими давлату давлатдорӣ, волоияти қонун гуфтугӯ сурат гирифт.

Маҳмадтоир Зокирзода, инчунин, роҷеъ ба қабули Конститутсияи даврони соҳибистиқлолӣ, зарурати ворид намудани тағйироту иловаҳо ба он, фаъолияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии мамлакат, кумитаҳои он ва вакилони халқ ёдрас шуда, даъват кард, ки сокинон кору фаъолияташонро бояд бо назардошти вазъи воқеии ҷаҳон, пуршиддат гардидани вазъи сиёсии сайёра, таҳдиди норасоии озуқаворӣ дар солҳои наздик ба роҳ монанд.

Сипас, чанде аз иштирокчиёни вохӯрӣ бо арзи сипосу миннатдорӣ ба Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инчунин Ҳукумати мамлакат барои таъмин намудани амнияту осоиштагии сокинон, болоравии рӯзгори мардум ва ба органи олии қонунгузори мамлакат ҷиҳати қабули қарору қонунҳои ба талаботи муосир ҷавобгӯй баромад карданд. Аз ҷониби баромадкунандагон дархосту пешниҳодҳои гуногун ироа гардид, ки вобаста ба онҳо Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ба вакилони Маҷлиси намояндагон аз ҳавзаи интихоботии Масчоҳ №18 Азиззода Ғайрат, ҳавзаи интихоботии Спитамен №25 Аҳмадзода Бахтиёр ва ҳавзаи интихоботии Ҷаббор Расулов №16 Қосимӣ Файзулло, ки дар вохӯрӣ иштирок доштанд, супоришҳои мушаххас дода, таъкид карданд, ки робитаро бо интихобкунандагон мустаҳкам намуда, аз қарору қонунҳое, ки қабул мегарданд, мардумро сари вақт огоҳ созанд, ба таври бояду шояд шарҳу тавзеҳ диҳанд ва барои ҳалли мушкилоташон чораҳои мушаххас андешанд.

**Мирзоаъзам МАҚСУДОВ, «Садои мардум»**

Самари истиқлол

## ТОҶИКИСТОН – ШАШУМИН КИШВАРИ БУЗУРГИ ИСТЕҲСОЛКУНАНДАИ «ЭНЕРГИЯИ САБЗ» ДАР ҶАҲОН

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 декабри соли 2021 иброз доштанд: «Имрӯз дар кишвари мо 98 фоизи неруи барқ аз манбаъҳои барқароршавандаи энергия, яъне асосан бо истифода аз неруи об истеҳсол гардида, Тоҷикистон аз рӯи фоизи истеҳсоли «энергияи сабз» шашум кишвари пешсафи сайёра мебошад».**

Соҳаи энергетикаро барҳақ муҳаррики иқтисодиёт мегӯянд. Бе пешравии он рушди иқтисодии ҳеҷ як кишварро тасаввур кардан номумкин аст. Дар мамлакат ба пешрафти ин соҳа таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мешавад, зеро яке аз ҳадафҳои стратегии мамлакат ноил гардидан ба истиқлолияти энергетикист.

Аввалин неругоҳи даврони соҳибистиқлолӣ ва бузургтарин иншооти энергетикие, ки баъди фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ дар қаламрави собиқ ИҶШС ба истифода дода шуд, НБО «Сангтӯда-1» ба ҳисоб меравад. Агрегати чорум (охирин)-и он 31 июли соли 2009 бо иштироки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти собиқи Федератсияи Россия Дмитрий Медведев ба истифода дода шуд.

НБО «Сангтӯда-1» дар силсилаи неругоҳҳои барқи обӣ дар дарёи Вахш неругоҳи панҷум ба шумор рафта, иқтидораш 670 мегаватт мебошад.

Дуюмин дастоварди бузург дар роҳи ноил шудан ба истиқлолияти энергетикӣ мавриди истифода қарор гирифтани НБО «Сангтӯда-2» ба шумор меравад. Агрегати якуми он 5 сентябри соли 2011 ва агрегати дуюм 10 сентябри соли 2014 ба истифода дода шуд. Иқтидори неругоҳ 220 мегаватт буда, вазъи таъмини кишвар бо неруи барқро хеле хуб намуд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 13 июли соли равон зимни вохӯрӣ бо бунёдгарони НБО «Роғун» дастовардҳои соҳаро чунин баён намуданд: «Дар даврони соҳибистиқлолӣ 287 неругоҳи барқи обии хурду бузург ва 1 маркази барқу гармидиҳӣ, 1,5 ҳазор километр хатҳои



интиқоли барқи баландшиддат, 50 зеристгоҳи баландшиддати барқӣ бунёду таҷдид ва дар маҷмӯъ, 75 фоизи инфрасохтори энергетикии кишвар навсозӣ карда шуд. Дар ин давра мо беш аз 2000 мегаватт иқтидорҳои энергетикии иловагӣ бунёд кардем».

Яке аз ҳодисаҳои фараҳбахши даврони соҳибистиқлолӣ ба истифодасупурдани Маркази барқу гармидиҳии «Душанбе - 2» мебошад. Он 8 декабри соли 2016 бо иқтидори пурра мавриди истифода қарор гирифта, тавоноияш ба 400 мегаватт ва иқтидори гармидиҳиаш ба 657 Гкал/ҷ баробар аст. Инчунин, дар фаслҳои тирамоҳу зимистон 80 дарсад талаботи шабонарӯзии барқи пойтахтро қонеъ намуда, қисми зиёди шаҳрро бо гармӣ таъмин месозад.

Алҳол вобаста ба татбиқи лоиҳаҳои «Сохтмони Неругоҳи барқи ҳароратии «Фон-Ягноб», сохтмони неругоҳҳои барқи обии «Шӯроб», «Айнӣ», «Нуробод-1», «Нуробод-2», «Фондарё» ва ғайра корҳои таҳқиқотию ҷустуҷӯӣ идома доранд.

Ин нуктаро Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 декабри соли 2021 чунин баён намуданд: «... Ҳоло дар Тоҷикистон лоиҳаҳои бузурги бунёди неругоҳҳои барқи обӣ амалӣ гардида истодаанд ва дар 7 соли оянда аз ҳисоби бунёди Неругоҳи барқи обии «Роғун» ва таҷдиди неругоҳҳои барқи обии «Норак», «Сарбанд» ва «Қайроққум» иқтидори энергетикии мамлакат иловатан ба 4 ҳазор мегаватт афзоиш дода мешавад».

Ҷумҳурии Тоҷикистон иқтидори бузурги содирот намудани неруи барқро дорост. Ҳанӯз моҳи декабри соли 2008 вобаста ба бунёди хати интиқоли барқи 220 кВ «Тоҷикистон - Афғонистон» бо ширкати ҳиндустонии «КЕС» шартнома ба имзо расид. Татбиқи лоиҳа моҳи январи соли 2010 оғоз ёфта, сохтмони қисмати тоҷикистонии он, бо 116 километр, моҳи феврали соли 2011 ба анҷом расид.

Баъд аз ба итмом расидани қисмати афғонистонии лоиҳа хати интиқоли барқи мазкур 27 октябри соли 2011 расман мавриди истифодабарӣ қарор гирифт.

Бо пурра ба кор даромадани сохтмони бузурги аср - НБО «Роғун» иқтидори содиротии мамлакат ба маротиб афзун мешавад. Ҳоло ду агрегати он хонаҳои мардуми кишварро мунаввар намуда, ба рушди иқтисодиёти мамлакат мусоидат карда истодааст.

Тавре Пешвои миллат иброз доштанд, аз оғози фаъолияти ду агрегати неругоҳ то ба ҳол зиёда аз 4,6 миллиард киловатт/соат неруи барқ истеҳсол гардидааст.

Дар баробари соҳаи гидроэнергетика солҳои охир дар кишвар таваҷҷуҳ ба дигар манбаъҳои барқароршавандаи энергия, яъне энергияи офтоб ва шамол зиёд шуда истодааст. Роҳбари давлат дар Паёмашон изҳор намуданд, ки дар ин самт асосноккунии се лоиҳа бо иқтидори умумии 260 мегаватт оғоз гардидааст, ки дар панҷ соли оянда татбиқ карда мешаванд.

Амалишавии ин нақша бори дигар мақоми Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун яке аз кишварҳои бузурги истеҳсолкунандаи «энергияи сабз» баландтар хоҳад намуд.

**Сайфиддин СУННАТӢ, «Садои мардум»**

Нуқтаи назар

## ЧАРО ДИЛИ ЯК ИДДА БО ЗАБОН ЯК НЕСТ?

**Бо хулоса аз рафтору гуфтор ва кирдори баъзе ҳамватанон дар зеҳн андеша, бобати он ки «кам шуда ҳамсуҳбате, ки аз дилаш гӯяд сухан» шакл мегирад. Муътақид мегардем, ки дар сари аксарият андеша дигар, вале алфозашон хилофи он аст. Иддае дар бобати ифтихори миллӣ мегӯянду вале аз он бӯе набурдаанд. Вобаста ба худшиносии миллӣ «вазъ» мехонанду то ҳол худро намешиносанд, чӣ расад ба шинохти дигарон...**

Дар бобати ватандӯстӣ «амри маъруф» мекунанду Ватан ва муқаддасоти ба он алоқаманд барояшон арзиш надорад. «Эҳтиёткорӣ» ва «дурандешӣ» - и баъзеҳо, ки алъон соҳибмансабанд, далели он аст, ки мехоҳанд «фурудгоҳи эҳтиётӣ» дошта бошанд...

Дар маҷмӯъ, шиорпароканӣ шеваи фаъолияти зиндагии ба ном ватандӯстони дар асл «обшинос» (манзур шахси замонасоз) аст. Яқин аст, ки ин қабил суханони Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро фаромӯш кардаанд, ки фармудаанд: «Ватанро на бо сухан, балки бо қалб дӯст бояд дошт».

Ифтихори миллии баъзеҳо то ҳаддест, ки аз амалисозии одитарин иқдом вобаста ба ҳифзи муқаддасоти миллӣ «худдорӣ» мекунанд. Дар ин бобат далелҳои зиёд дорам...

Аслан ифтихори миллӣ бояд рукни асосии зиндагиву фаъолияти дилхоҳ шахси худогоҳ бошад. Ифтихори миллӣ маншаъ аз миллату Меҳан, таъриху забон, фарҳангу оини мардумӣ гирифта, реша ба ниёкони баномуси ҳимматбаландамон дорад. Инсони маҳрум аз ифтихори миллӣ моҳиятан манқурт буда, барояш мафҳумоти Ватан, миллат, ҳақиқат, ҳувият ва шараф арзиш надоранд ва қодир аст онҳоро арзон фурӯшад.

Чунин ашхос ба ҳеҷ ваҷҳ баҳри дифоъ аз шаъну шарафи инсониаш иқдом намекунанд ва то абад дар қайди бардагиву беҳувиятӣ хоҳанд монд.

Ифтихор моҳиятан номус ҳам ҳаст, зеро номус ифтихор маҳсуб шуда, беномус орӣ аз ифтихор аст.

Аз ҷониби дигар, ифтихори миллӣ бо кибру ғурур ба ҳеҷ ваҷҳ тавъам набуду нест, зеро кибру ғурур миллатро ба зиллат мувоҷеҳ месозад, ки дар таърих чунин мисолҳо зиёданд. Бузургон навиштаанд, ки «номус ба сағир ва кабир раддабандӣ мешавад. Номуси сағир он аст, ки фард агар баҳри ҳимоят ва ҳиросати шаъну шарафи худу хонадону дудмони худ пои саъй фарсояд. Номуси кабир ҳамон аст, ки ба хотири пуштибонӣ аз буму кишвар, лафзи модар, ҳамхунон ва ҳамлисонон сина сипар бинмояд».

Комилан зидди он ҳастам, ки ифтихори миллӣ бо шиорпароканӣ, суханпардозӣ, даст ба сина кӯбидан, бозгӯӣ ва эътироф шавад. Онҳое, ки мисли тӯтӣ дар бораи муқаддасоти миллӣ сухан мегӯянд, беҳтараш хомӯш бошанд, зеро зиёданд онҳое, ки дар маҳзари омма ватандӯстанду содиқ, вале «чун ба хилват мераванд, кори дигар мекунанд». Аъмолу гуфторашон далели бебаҳси он аст, ки «дилашон бо забон як нест»...

Ченаки садоқати ин ашхос ба давлат, миллат ва Пешво аз одамияту самимият ва садоқат фарсаххо масофа доранд. Бетарафӣ, хислате, ки бадтарин маҳсуб шуда, ба таъбири Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «нишонаи марг аст», шеваи зиндагиашон қарор гирифтааст. Мепиндоранд, ки «кулбаи эшон дар канор аст» - у бо ин сабаб эмин хоҳанд монд, аммо хато мекунанд, хатои нобахшиданӣ!

Барои қисмати дигар, ки «ҳам ба наъл мезананду ҳам ба мех» ҳолати кунунӣ ва дурнамо муҳим нест. Ба таъбири ин ашхос, «биҳишт ҷоест, ки озораш набошад, касеро бар касе кораш набошад»...



Вале воқеият, бо назардошти ҳаводиси ҷаҳони муосир, комилан дигар ва пешгӯинашаванда аст. Ҳолати бавуҷудомада масъулияти моро фузуда, водор месозад, ки ба ҳеҷ ваҷҳ зиракии сиёсиро аз даст надиҳем.

Соҳибмансабонро мебояд садоқаташонро ба Роҳбари мамлакат ва тоҷику тоҷикистониён на танҳо бо сухан, балки бо амалҳояшон собит созанд. Дар ҳама ҳолат, новобаста ба вазъият, андеша ва назарашонро дигар накунанд. Аз нотавонбинони миллати тоҷик заррае ҳарос надошта бошанд ва мунтазам ба ин тоифа дар қиболи андешаҳои сафсатаомез ва аз ҳақиқати воқеӣ фарсаххо дурашон посуххои муносиб диҳанд.

Хоксориро шеваи фаъолият қарор диҳанд, ба мисли баъзеҳо ҳаргиз ба «оши тайёр бакавул нагашта» мунтазам мадди назар дошта бошанд, ки обрӯву манзалати кишвар, пеш аз ҳама, ба номи Пешвои миллат мансуб аст. Сарфи назар аз он ки дар кадом маснад ифои вазифа менамоянд, бояд барои дар сатҳи хуб ва сифати баланд ба сомон расонидани вазифаи ба зиммаашон вогузорбуда аз ҳама имконот самаранок истифода намоянд.

Борҳо шоҳид гардидаем, ки баробари аз мансаб барканор шудан ва ё ба вазифаи пасттар гузаронидан ин «аллома» - ҳо «ҷомаашонро чаппа мепӯшанд». Ин қабил ва умуман кулли мансабдорон бояд суханони пурҳикмати Пешвои миллат: «Расми солҳои то вазифа таъин шуданатонро тамошо кунед ва хулоса бароред» - ро фаромӯш накунанд.

Муҳимтар аз ҳама, садоқати мо, хоса мансабдорон ба Сарвари давлат, миллат ва меҳан, бояд «мавсимӣ» набошад. Бароямон бояд аҳамият надошта бошад, ки дар кадом вазифа қарор дорем, баръакс муҳим самараи меҳнат ва нақши ҳар яки мо дар пешрафти мамлакат аст.

Дар маҷмӯъ, зарур ва ногузир аст, ки дар «қалбамон тарсуиро, ки моҳиятан харгӯш аст, қатл кунем ва шери жаёнро парварем», то комёбӣ ҳамсафари доимиамон монад.

**Далер АБДУЛЛО, муовини сармуҳаррири рӯзномаи «Садои мардум»**




## ҚУРБОН ҲАКИМЗОДА: «ШАРОИТИ ОМӮЗГОРОН ВА ТАБИБОНРО БЕҲТАР МЕСОЗЕМ»



**Раиси вилояти Хатлон Қурбон Ҳакимзода зимни нишасти матбуотӣ, ки 28 июли соли 2022 дар шаҳри Бохтар баргузор гардид, гуфт, ки то ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёди 6112 иншооти иҷтимоию иқтисодӣ ва истеҳсолӣ ба нақша гирифта шудааст.**

Аз ин шумора 500 адад корхонаҳои саноатӣ мебошанд, ки дар панҷ соли минбаъда бо ташкили зиёда аз 13 ҳазор ҷои нави кор сохта мешаванд.

Соли ҷорӣ бунёди 132 коргоҳу корхонаи саноатӣ ба нақша гирифта шудааст, ки қисме аз онҳо мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуданд.

Ба саволи хабарнигори рӯзнома перомуни бо манзили зист таъмин намудани мутахассисони соҳаи маориф ва тандурустӣ раиси вилоят посух дод, ки дастгирии мутахассисон ҳамеша дар меҳвари таваҷҷуҳи масъулини Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон қарор дорад.

- Агар хоҳем, ки соҳаҳои маориф ва тандурустиро бо кадрҳо таъмин намоем, бояд шароити омӯзгорон ва табибонро хуб созем. Оид ба ин масъала дастуру супориш дода шудааст. Дар ҷамъбасти солона боз натиҷагирӣ хоҳем кард, - гуфт раиси вилоят.

Рӯзноманигорон, инчунин вобаста ба баланд бардоштани мавқеи зан дар ҷомеа, бештар доғи судӣ гирифтани ҷавонон, ҳамкорӣ бо давлати ҳамсояи Ӯзбекистон, бебарқии чанде аз оилаҳо дар яке аз ноҳияҳои вилоят, бекоршавии қарорҳои раисони шаҳру ноҳияҳо, норасоии об, бунёди иншооти нотамом ва бо манзили зист таъмин намудани рӯзноманигорон ба раиси вилоят суол дода, посухҳои қаноатбахш гирифтанд.

Дар фарҷом ба чанде аз рӯзноманигорони собиқадору ҷавон сипосномаю ифтихорнома ва туҳфаҳои хотиравӣ тақдим шуд.

**Сулаймон СУЛТОНОВ, «Садои мардум»**

## БУНЁДИ 44 ИНШООТИ НАВИ ВАРЗИШӢ ДАР ШАШ МОҲ



**- Дар нимсолаи якум аз ҷониби Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 28 майдончаи варзишӣ, 13 толори варзишӣ, 3 маҷмааи варзишӣ ва дар умум бо харҷи 86 миллиону 56 ҳазору 884 сомонӣ 44 иншооти нави варзишӣ бунёд ва ба истифода дода шуд, - гуфт раиси кумитаи мазкур Абдулло Раҳмонзода зимни нишасти матбуотӣ.**

Бино ба қавли ӯ, соли равон дар ҷумҳурӣ 22 ҳазору 620 мусобиқаи оммавии варзишӣ, солимгардонӣ ва машқҳои пагоҳирӯзӣ бо фарогирии 1 миллиону 979 ҳазору 250 иштирокчӣ баргузор гардид. Иттилоъ дода шуд, ки 1531 варзишгари кишвар дар мусобиқаҳои сатҳи байналмилалие, ки дар Тоҷикистон баргузор гардиданд, ширкат варзида, дар натиҷа ба хазинаи варзишии мамлакат 269 медал ворид намуданд, ки аз он 64 медали тилло, 77 - нуқра ва 128 медали биринҷӣ мебошад. Ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли 2021-ум 38 медали тилло, 43 - нуқра ва 97 медали биринҷӣ зиёд аст.

- Муаррифии варзиши тоҷик дар сатҳи ҷаҳон ва дарёфту омода намудани варзишгарони касбии сатҳи баланд тавассути баргузории мусобиқаҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва чемпионатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардонида мешавад. Дар давраи ҳисоботӣ бо ташаббуси кумита 49 мусобиқаи сатҳи ҷумҳуриявии варзишӣ баргузор шуд, ки дар онҳо 51 ҳазору 27 нафар, аз ҷумла 1044 бону, иштирок намуд, - афзуд Абдулло Раҳмонзода.

**Ҳ. ТОҲИРӢ, «Садои мардум»**

## 3900 СУБЪЕКТИ СОҲИБКОРӢ ФАЪОЛИЯТРО ҚАТЪ КАРДАНД



**Нимаи якуми соли 2022 дар доираи баргузории як қатор форуму ҳамоишҳои соҳибкорию сармоягузорӣ бо сармоягузорони кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Арабии Миср, Шоҳигарии Белгия ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон, беш аз 90 ҳуҷҷати ҳамкорӣ ба маблағи умумии 1,1 миллиард доллар ба мувофиқа расид.**

**Бо мақсади рушди соҳаҳои истеҳсолӣ ва расидан ба ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати кишвар ду созишномаи сармоягузорӣ ба маблағи беш аз 80 миллион доллари амрикоӣ ба имзо расида, ин маблағҳо ба бунёди ду корхона ва ташкили 1105 ҷои нави кор равона шуданд.**

**Мутобиқи маълумоти оморӣ, дар ин давра ба ҷумҳурӣ беш аз 173 миллион доллари амрикоӣ сармоя ворид гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 50 фоиз зиёд мебошад.**

**Дар ин хусус раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодирзода Саъдӣ Сангинмурод зимни нишасти матбуотӣ, ки 1 августи соли 2022 баргузор гардида, ба натиҷаҳои фаъолияти кумита дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ бахшида шуд, иттилоъ дод.**

Раиси кумита дар идома гуфт, ки дар ин давра барои татбиқи лоиҳаҳои афзалиятноки соҳаҳои маориф, тандурустӣ, кишоварзӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ ва энергетика бо шарикони рушд ҳашт созишномаи нави молиявӣ ба маблағи умумии 243 миллиону 900 ҳазор доллари амрикоӣ ба имзо расонида шуд, ки 218 миллион доллари он грант аст. Инчунин, барои маблағгузории иловагии лоиҳаҳои обтаъминкунӣ ва санитарии шаҳри Душанбе, обтаъминкунӣ ва беҳдошт дар деҳот, обтаъминкунии устувор, устувории шабакаҳои роҳҳо, идоракунии хавфҳои офатҳои табиӣ дар ҳаҷми 150 миллион доллари ИМА корҳои муқаддамотӣ ва таҳияи санадҳои зарурӣ идома доранд.

Дар посух ба саволи хабарнигор оид ба теъдоди субъектҳои соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ ва чӣ миқдори онҳо дар тӯли ним сол фаъолиятро қатъ карданд, раиси кумита посух дода, аз ҷумла, гуфт, ки ҳоло дар миқёси ҷумҳурӣ беш аз 338 ҳазор субъекти соҳибкорӣ ба қайд гирифта шуда, дар нимсолаи аввал қариб 3900 адади онҳо фаъолиятро қатъ намуданд. Ба рақобат тоб оварда натавонистан, дар бозор харидор пайдо накардани моли истеҳсолкарда, дастрасии маҳдуд ба қарзҳои имтиёзноки бонкӣ ва якчанд сабабу омилҳои дигар боис ба қатъи фаъолияти онҳо гардид.

**Абдумаҷид МУРОДОВ, «Садои мардум»**

## ҲАФТ МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ БОЗХОНД КАРДА ШУД



**Нишасти матбуотии Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дуюми августи соли равон таҳти раёсати сарвари он Икром Субҳонзода гузашт. Вай зимни пешниҳоди ҳисоботи мухтасар роҷеъ ба фаъолияти агентӣ дар нимсолаи якуми соли 2022, аз ҷумла, зикр кард, ки ҷиҳати мустаҳкам кардани пояи ҳуқуқии агентӣ ва иҷрои талаботу меъёрҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ», «Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ панҷ санади зерқонунӣ таҳия гардида, барои мувофиқа ба вазорату идораҳои дахлдор ирсол карда шуд.**

Бино ба иттилои Икром Субҳонзода, ҳоло қариб 2 миллиону 700 ҳазор нафар дар 4822 муассисаи таҳсилоти томактабӣ, умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва таҳсилоти олии касбӣ ба таълим фаро гирифта шудаанд.

Дар нимсолаи аввали соли равон масъулини раёсату шуъбаҳои марказӣ ва минтақавии агентӣ 523 аттестатсияи давлатӣ, 13 азнавбарасмиятдарорӣ, 360 аккредитатсияи давлатӣ ва 125 ташхиси иҷозатномадиҳии муассисаҳои таълимиро ба анҷом расониданд. Дар ин давра амали иҷозатномаи ҳафт муассиса - Мактаби хусусии ба номи Мирзо Ҳасанзода (ноҳияи Мастчоҳ), Муассисаи ғайридавлатии таълимии «Ояндаи дурахшон» (шаҳри Бӯстон), ҶДММ «Хонаи британиягӣ» (шаҳри Душанбе), ҶДММ «Ҳисор» (шаҳри Ҳисор), Маркази таълимии «Чароғи дониш» (шаҳри Душанбе), Ташкилоти ҷамъиятии хайриявии «Сафои Ватан» (шаҳри Душанбе) ва ихтисосҳои тиббии Муассисаи таълимии ғайридавлатии «Коллеҷи техникии шаҳри Хуҷанд» қатъ карда шуд.

Назорати сифати таълим ва сатҳи донишазхудкунии хонандагону донишҷӯён яке аз самтҳои фаъолияти агентӣ маҳсуб меёбад. Тибқи баҳои директори агентӣ: «Аз натиҷаи санҷишҳо маълум гардид, ки дар муқоиса ба солҳои қаблӣ, дар самти асосҳои меъёрии ҳуқуқӣ, мустаҳкам намудани заминаи моддию техникӣ ва таъминоти кадрии муассисаҳои таълимӣ, ки омилҳои асосии баландбардории сифати таҳсилот маҳсуб меёбанд, тағйироти мусбат ба мушоҳида мерасад».

**Бурҳониддин КАРИМЗОДА, «Садои мардум»**

## АМНИЯТИ МИЛЛӢ ВА ҲИФЗИ МАНФИАТҲОИ МИЛЛӢ



**- Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси яке аз марказҳои таҳлилӣ ва машваратии кишвар бо мақсади амалишавии стратегияҳо, барномаҳои давлатӣ ва такмили механизми татбиқи сиёсати дохилию хориҷӣ ва сиёсати дурбинонаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамояд. Дар давраи ҳисоботӣ панҷ суҳбати мизи гирд, ду машварат, ду конфронси илмию амалии ҷумҳуриявӣ, ду конфронси илмиву амалии байналмилалиро баргузор намуд, - гуфт директори марказ Хайриддин Усмонзода зимни нишасти хабарӣ, ки 28 июли соли ҷорӣ доир гардид.**

Дар зарфи 6 моҳ кормандони марказ дар конфронсу ҷамъомадҳо, машварату маҳфилҳо, суҳбату вохӯриҳо, 13 маъруза ва беш аз 52 маротиба дар воситаҳои ахбори омма суханронӣ намуданд. Аз ҷумла, онҳо дар конфронсҳои байналмилалии сатҳи баланд, 10 конфронси илмиву амалии байналмилалӣ, ду конфронси илмиву амалии ҷумҳуриявӣ, ду ҷаласаи байналмилалии коршиносон иштирок карданд.

Иттилоъ дода шуд, ки дар нимсолаи якуми соли 2022 тибқи нақшаи корҳои илмию пажӯҳишӣ, таҳқиқот аз рӯи мавзӯъҳои «Амнияти миллӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар марҳалаи нави рушди давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳо ва дурнамои стратегии таъмини он», «Роҳҳои баланд бардоштани амнияти миллӣ ва таъмини рақобатпазирии иқтисодии Тоҷикистон», «Мониторинги амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ» ва «Технологияи сиёсии таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди ҳамкориҳои ҳокимияти давлатӣ бо воситаҳои ахбори омма» гузаронида шудааст.

**Ҳ. ТОҲИРӢ, «Садои мардум»**

## КИТОБИ «ҚОИДАҲОИ ИМЛОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ» БОЗНАШР МЕШАВАД

**Раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Олимҷон Муҳаммадҷонзода дар нишасти матбуотӣ 1 августи соли 2022 зикр кард: - Яке аз самтҳои асосии фаъолияти кумита санҷиш ва омӯзиши вазъи иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба шумор меравад. Дар ин замина, фаъолияти 12**



**субъекти хоҷагидорро мавриди санҷиш қарор дода, ҷиҳати ислоҳи камбудиҳои ошкоршуда санад таҳия намуда, ба мақомоти дахлдор ирсол намудем.**

Бо мақсади назорати иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020 - 2030», «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои китобатии забони тоҷикӣ», «Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ» гурӯҳи корӣ фаъолияти шуъбаҳои маориф, бахши САҲШ ва шуъбаю бахшҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳои Леваканту Кӯлоб, КВД «Пойгоҳи вагонҳои боркаши шаҳри Левакант» ва ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб» - ро мавриди санҷиш қарор дод.

Дар ин давра ба 70 санади меъёрии ҳуқуқӣ ва 13 маводи судӣ хулосаи экспертизаи забоншиносӣ пешниҳод шуда, дар ҳамкорӣ бо Прокуратураи ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон ва Прокуратураи ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе вазъи қонун ва қарорҳои зикршуда дар фаъолияти 38 муассисаи таълимӣ ва кӯдакистони ноҳияҳои мазкур санҷида шуд.

Дар ин давра аз ҷониби коршиносони шуъбаи танзими истилоҳоти кумита 17 ҳазору 73 истилоҳ баррасӣ ва мувофиқа гардида, 21 номи маҳали аҳолинишину объектҳои ҷуғрофӣ ва 1143 кону канданиҳои фоиданоки ҷумҳуриро бо мақсади мутобиқ намудан ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» баррасӣ намуда, хулоса пешниҳод намуданд.

Олимҷон Муҳаммадҷонзода дар бораи аз чоп баромадани шумораи аввалини маҷаллаи илмии «Забон ва истилоҳот» ва бознашр шудани «Қонуни имлои забони тоҷикӣ» (дар таҳияи нав) иттилоъ дод.

**Абдухолиқ МИРЗОЗОДА, «Садои мардум»**

## СОДИРОТИ НЕРУИ БАРҚ БА ХОРИҶИ КИШВАР ЗИЁД ШУДААСТ

**- Дар нимсолаи якуми соли 2022 ҳаҷми истеҳсоли неруи барқ дар маҷмӯъ 7 млрд. 659 миллиону 300 ҳазор кВт/соатро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 71 млн. кВт/соат зиёд буда, суръати афзоиш дар сатҳи 101 фоиз таъмин карда шудааст, - зикр кард директори ШСХК «Барқи Тоҷик» Маҳмадумар Асозода зимни нишасти матбуотӣ, ки 1 августи соли 2022 баргузор гардид.**



Иттилоъ дода шуд, ки бо мақсади беҳтар намудани таъминоти соҳаҳои иқтисодиёт ва аҳолии ҷумҳурӣ бо неруи барқ ШСХК «Барқи Тоҷик» дар нимсолаи якуми соли 2022 дар ҳаҷми 2 млрд. 640 миллиону 700 ҳазор кВт/соат неруи барқ ба маблағи умумии 980 миллиону 100 ҳазор сомонӣ харидорӣ намудааст, ки дар муқоиса бо ҳамин давраи соли 2021 ҳаҷми хариди неруи барқ 262 млн. кВт/соат ё ба маблағи 95 миллиону 600 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Неруи барқ асосан аз неругоҳҳои барқи обии «Сангтӯда - 1» дар ҳаҷми 1 млрд. 292 миллиону 300 ҳазор кВт/соат, «Сангтӯда - 2» 430 млн. кВт/соат ва аз НБО «Роғун» дар ҳаҷми 908 миллиону 900 ҳазор кВт/соат харидорӣ шудааст.

Тибқи маълумоти оморӣ, ҳаҷми содироти неруи барқ ба хориҷи мамлакат таи шаш моҳи аввали соли ҷорӣ нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 дар ҳаҷми 141,6 млн. кВт/соат зиёд гардида, дар маҷмӯъ ба 1 млрд. 56 миллиону 500 ҳазор кВт/соат баробар шуд. Неруи барқ асосан ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар ҳаҷми 321 миллиону 200 ҳазор кВт/соат содирот гардид.

Натиҷаи фаъолияти истеҳсолию молиявии ШСХК «Барқи Тоҷик»- ро дар нимсолаи якуми соли 2022 ҷамъбаст намуда, роҳбарияти ширкат тасмим гирифтааст, ки дар нимсолаи дуюми соли ҷорӣ корҳоро дар самти амалисозии чорабиниҳои зерин пурзӯр намояд:

- истифодаи самараноку сарфакоронаи захираҳои обию энергетикӣ;
- назорати иҷрои босифати корҳо ва сари вақт амалӣ сохтани лоиҳаҳои «Барқарорсозии НБО «Норак», «Барқарорсозии НБО «Сарбанд» ва «Таҷдиди НБО «Қайроққум»;
- дар ҳаҷми зарурӣ захира намудани ангишти босифат барои таъмини фаъолияти бонизоми Маркази барқу гармидиҳии «Душанбе - 2».

**Мафтунаи ҲИСОРӢ, «Садои мардум»**

## ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ АФЗУДААСТ

**Дар шаш моҳи сипаригаштаи соли 2022 дар ҳама бахши хоҷагидории ноҳияи Кӯшониён 13 ҳазору 661 тонна ғалладонагӣ, 18 ҳазору 107 тонна картошка, 81 ҳазору 827 тонна сабзавот, 6665 тонна полезӣ, 8270 тонна меваҷот ва 146 тонна ангур ҷамъоварӣ шудааст.** Дар ин бора раиси ноҳия Икромиддин Вализода 25 июли соли ҷорӣ зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дода, гуфт, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта мутаносибан аз 100,1 то 114, 4 фоиз зиёд мебошад.



То 1 июли соли ҷорӣ аз ноҳия ба хориҷи кишвар 4500 тонна маҳсулоти кишоварзӣ содирот гардидааст, ки 100 фоизи нақшаро ташкил медиҳад.

Фаъолияти кишоварзони ноҳия дар асоси дурнамои тасдиқнамудаи Ҳукумати мамлакат ба роҳ монда шуда, тибқи маълумот, то 1 июли соли ҷорӣ дар майдони 1244 гектар ғалладона, 176 гектар маккаи дон, 188 гектар шолӣ, 1732 гектар сабзавот, 453 гектар картошка, 180 гектар полезӣ, 11 ҳазору 453 гектар зироати техникӣ, аз он ҷумла 11 ҳазору 320 гектар пахта ва 747,6 гектар зироатҳои хӯроки чорво кишт шудааст.

**Сулаймон СУЛТОНОВ, «Садои мардум»**

## СОХТМОНУ НАВСОЗИИ 216 ИНШООТИ ҶАШНӢ ДАР НАЗАР АСТ



**- Дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин бо мақсади дар сатҳи баланд пешвоз гирифтани ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои созандагию ободонӣ идома доранд. Тибқи нақшаи тасдиқшуда бояд 216 иншооти таъиноти гуногун сохта шавад, - изҳор дошт раиси ноҳия Гулзода Зафар 29 июли соли ҷорӣ зимни нишасти матбуотӣ.**

Номбурда афзуд, ки «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия барои солҳои 2021 - 2025» қабул шудааст, ки он 121 лоиҳаро ба маблағи 361,8 миллион сомонӣ дар бар мегирад. Дар ин давра 15 лоиҳа пурра иҷро гардида, дар 22 лоиҳа корҳои сохтмонӣ идома доранд. Дар ҳама шакли хоҷагидории ноҳия истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба 58 миллиону 275 ҳазор сомонӣ баробар гардид.

Айни замон дар ноҳия 30 ҳазору 55 сар чорвои калони шохдор, 77 ҳазору 790 моли майда, 44 ҳазору 771 паранда, 2872 сар асп ва 3571 оилаи занбӯри асал парвариш мешавад.

Айни замон дар деҳоти «Чагам»-и ноҳия корхонаи истеҳсоли хишти пухта бо иқтидори 100 ҳазор дона хишт дар як шабонарӯз ба фаъолият оғоз кард, ки дар он 70 сокини маҳаллӣ бо ҷои кор ва маоши хуб таъмин гардиданд.

Иҷрои нақшаи андоз, бе назардошти андози иҷтимоӣ, 150 фоиз таъмин гардида, ба буҷет 9 миллиону 68 ҳазору 464 сомонӣ ворид гардид, ки нисбат ба нақша 3 миллиону 19 ҳазору 824 сомонӣ зиёд мебошад.

- Аз ҳисоби маблағҳои мақсадноки буҷети ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ дар нимсолаи аввали соли 2022 ба буҷети ноҳияи Шамсиддин Шоҳин 21 миллиону 151 ҳазору 760 сомонӣ субвенсия ворид гардид. Музди меҳнати кормандони соҳаи буҷетӣ пурра пардохт гардида, қарздорӣ аз музди меҳнат вуҷуд надорад, - гуфт раиси ноҳия Гулзода Зафар.

**Исломи РАҶАБАЛӢ, «Садои мардум»**

## 1523 АРЗУ ШИКОЯТИ ШАҲРВАНДОН САНҶИДА ШУД



**- Шикоятҳои воридшуда асосан ба масъалаи зӯроварӣ дар оила дахл дошта, аз ҷониби масъулини Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон санҷида шуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта нуҳ адад кам аст, - иброз дошт раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳилолбӣ Қурбонзода 2 августи соли равон зимни нишасти матбуотӣ.**

Ба марказҳои иттилоотию машваратии назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ шикояти 4059 шаҳрванд, аз ҷумла 910 муроҷиат аз оилаҳои муҳоҷир, ба қайд гирифта шудааст, ки аз он 2813 нафарро занон ва 1246 нафарро мардон ташкил доданд. Муҳтавои муроҷиати 478 шаҳрванд вобаста ба масъалаҳои хушунат дар оила, 3011 нафар оид ба бастани ақди никоҳ дар САҲШ, 757 - бекор кардани ақди никоҳ, 366 - набудани ҷои кор, 21 нафар муқаррар кардани падарӣ ва дигар масъалаҳо мебошанд.

Кумита бо мақсади баланд бардоштани сатҳи иқтисодии оилаҳо, рушди соҳибкории занон, дастрасии бонувон ба қарзҳои бонкӣ ва грантҳои президентӣ чораҳои зарурӣ меандешад. Соли равон аз 236 лоиҳаи пешниҳодгардидаи занону бонувони ҳунарманд ва соҳибкорзанон 80 лоиҳаи мақсаднок ба маблағи 2 млн. 500 ҳазор сомонӣ аз ҷониби комиссияи грантӣ мавриди дастгирӣ қарор гирифтанд.

**Шарофат АБДУЛВОҲИДОВА, «Садои мардум»**

## РОҒУН: ЧАРО НАҚШАИ АНДОЗ ИҶРО НАШУД?



**Дар нишасти матбуотии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Роғун, ки 30 июли соли равон баргузор шуд, раиси он Сунъатулло Саидзода роҷеъ ба бурдубохти шашмоҳаи аввали соли 2022 маълумот дода, аз ҷумла чунин гуфт:**

- Нақшаи ҳамаи навъи андозу даромадҳо бо назардошти тағйироти воридгардида ба ҷои 101 миллиону 600 ҳазор сомонӣ 65 миллиону 700 ҳазор сомонӣ иҷро шуда, 64,6 фоизи нақшаро дар бар мегирад. Се навъи андоз, аз ҷумла, андоз аз даромад 6 миллиону 200 ҳазор сомонӣ, андоз аз арзиши иловашуда 19 миллиону 600 ҳазор сомонӣ ва андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ, ки 11 миллиону 200 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, иҷро нашуд. Сабаби иҷро нашудан ва кам гардидани иҷрои корҳо аз тарафи корхонаҳои дар қайди Нозироти андози шаҳрбуда, ки дар сохтмони НБО «Роғун» фаъолият менамоянд, мебошад

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳама шакли хоҷагидорӣ 17 миллиону 400 ҳазор сомонӣ иҷро гардида, аз нақша 2 миллиону 300 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Кишоварзон имсол ба ҷои 976 гектар дар майдони 1017,5 гектар, аз ҷумла дар 558,5 гектар ғалладонагиҳо, 109 гектар картошка, 35 гектар зироати техникӣ, 35 гектар сабзавот, 1 гектар полезӣ ва 279 гектар алафҳои бисёрсолаи хӯроки чорворо кишт карданд, ки 104,2 фоизи нақшаро ташкил менамояд. Дар ин давра истеҳсоли гӯшт 443,6 тонна ё 107,9 фоиз, шир 863,5 тонна ё 102,6 фоиз ва тухм 428,9 ҳазор дона ё 101,5 фоиз иҷро гардида, аз тарафи заминистифодабарандагон 15,3 гектар боғи нав бунёд ва 3,4 гектар боғҳои куҳна барқарор карда шуданд.

Дар ин давра кормандони Шуъбаи ВКД ҶТ дар шаҳри Роғун барои ошкор кардани ҷиноятҳо, пешгирӣ ва ба низом даровардани тартиботи ҷамъиятӣ дар шаҳр чорабиниҳои зиёдро амалӣ намуда, 39 ҷиноятро ба қайд гирифтанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 20 ҷиноят кам буда, кушодашавии он 70 фоизро ташкил медиҳад. Ҳарчанд дар байни ноболиғон ягон ҷиноят ба қайд гирифта нашуда бошад ҳам, вале 6 нафар ҷавон 5 ҷиноят содир карданд, ки аз ин як ҳолат бо моддаи 307/1 қ.2, се ҳолат бо моддаи 244 қ. 2 ва як ҳолат бо моддаи 139-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон айбдор шуда, нисбат ба гунаҳкорон парвандаи ҷиноятӣ боз карда шудааст.

**Муҳаммад ЗОКИР, «Садои мардум»**

# СУҒД: КАМБУДИҲО ХЕЛЕ ЗИЁДАНД

**Дар Маҷлиси фаъолони вилояти Суғд аз рӯи нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ, ки чанде пеш таҳти раёсати раиси вилоят, муовини якуми Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҷаббой Аҳмадзода доир шуд, камбудиву норасоиҳои ҷиддии масъулини сохторҳо ва якчанд шаҳру ноҳияҳо маълум гардида, мавриди баррасӣ қарор гирифт.**

Бахусус, бар асари риоя нашудани структураи кишти зироатҳо нақшаи кишти картошка иҷро нагардид. Ба ҷои 18 ҳазору 500 гектари муқарраркарда 16 ҳазору 271 гектар кишт шудааст, ки ин ҷиҳат сабабгори дар бозорҳои вилоят якбора боло рафтани нархи картошка гардид. Аниқтараш, агар тирамоҳ як кило картошка 2,5-3 сомонӣ арзиш дошта бошад, пас айни ҳол 5-5,5 сомонӣ нарх дорад.

Имсол низ чун солҳои пешин кирмакпарварон ба нокомӣ дучор шудаанд. Сабаби инро Раҷаббой Аҳмадзода дар ворид намудани тухми бесифати кирмак донист.

- Соли равон нақшаи истеҳсоли пилла 400 тонна муқаррар гардида, то ба ҳол дар вилоят 146 тонна пилла истеҳсол шудааст, - изҳори нигаронӣ кард Раҷаббой Аҳмадзода.

Инчунин, дар ҷаласа сухан дар бораи пардохт нашудани ҳаққи хизмати обрасонӣ рафт, ки ба 64 млн. сомонӣ расидааст. Сабаби ин рӯирост саркашӣ кардани хоҷагиҳои деҳқонӣ аз пардохти ҳаққи хизмати обрасонист.

«Болои сӯхта намакоб» гуфтагӣ барин бар асари бе огоҳии пешакӣ қатъ намудани қувваи барқ аз тарафи масъулони барқтаъминкунандаи вилоят дар нимсолаи аввали соли равон 30 садамаи вазнин дар пойгоҳҳои обкашӣ рух дода, ба миробчиёни вилоят хисороти зиёд овард. Аз рӯи гуфти масъулони соҳаи обрасонӣ, нархи як муҳаррики аз кор баромада то 1 млн. 540 ҳазор сомонӣ (150 ҳазор доллари ИМА) мебошад. Ҳол он ки дар ин муддат бар асари бемасъулиятии масъулони барқтаъминкунии вилоят якчанд муҳаррики пойгоҳи обкашӣ аз кор монд.

Раиси вилоят ба намояндаи Прокуратураи вилояти Суғд дастур дод, ки бемасъулиятии роҳбарияти Идораи барқи вилоят дар доираи қонун баррасӣ шавад.

Масъалаи дигар, ки дар ҷаласа изҳори нигаронӣ карда шуд, аз меъёр зиёд боргирии ширкати «Хуаксин Суғдсемент» ва ширкати истеҳсоли ангишти «Қудрат - 210» буд. Ба гуфти масъулони роҳсозии вилоят, бар асари аз меъёр зиёд бор гирифтани мошинҳои боркашӣ роҳҳои «Истиқлол - Хуҷанд» ва «Кӯҳистони Мастчоҳ - Айнӣ» валангор шуда, ҳатто чанд кӯпрукро низ шикастаанд.

- Ин айби кормандони «Логистикаи нақлиёт» аст, ки мошинҳои боркашро дуруст назорат намебаранд, - таъкид кард раиси вилоят. Бар замми ин, ширкати «Хуаксин Суғдсемент» чанд сол боз ваъда медиҳад, ки роҳи «Истиқлол-Хуҷанд»-ро мумфарш мекунад, аммо аз кор дарак нест...

Барои ислоҳи камбудиҳо ба роҳбарони якчанд шаҳру ноҳия, аз ҷумла ноҳияҳои ба номи Б. Ғафуров, ба номи Ҷ. Расулов, шаҳрҳои Конибодому Панҷакент муҳлат дода шуд.

**Мирзоаъзам МАҚСУДОВ, «Садои мардум»**

## Аз фаъолияти парламентҳои ҷаҳон

# ПЕШНИҲОД: БА КОРМАНД ДАР РӮЗИ МАВЛУД ИСТИРОҲАТ ДОДА МЕШАВАД



**Вакили Думаи давлатии Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия Олег Матвейчев пешниҳод кард, ки дар рӯзи таваллуд ба корманд истироҳат дода шавад. Ин пешниҳодро ӯ ба Вазорати меҳнат низ манзур намуд.**

- Дар Кодекси меҳнати Федератсияи Россия қайд шудааст, ки дар арафаи рӯзҳои ид вақти корӣ як соат кӯтоҳ мегардад, аммо чунин ҳавасмандӣ ба рӯзҳои таваллуд дахл надорад. Бинобар ин, ба Кодекси меҳнат тағйирот ворид карда шавад,- гуфтааст Олег Матвейчев.

Пештар аз ин Раиси Думаи давлатӣ Вячеслав Володин пешниҳод карда буд, ки ба Кодекси меҳнат роҷеъ ба кам кардани муҳлати рухсатии вакилон ва мансабдорон тағйирот бояд ворид кард.

**РИА «Новости»**

# СЕРБИЯ: ВАКИЛОН РАИСИ ПАРЛУМОНРО ИНТИХОБ КАРДАНД



**Вакилони Маҷлиси миллӣ (парламент)-и Сербия қарори раиси парлумон интихоб шудани Владимир Орличро қабул карданд.** Дар ҷаласаи тантанавии парлумон куҳансолтарин вакил Владет Янкович изҳор дошт, ки аз 223 вакил 154 вакил ба ҷонибдорӣ аз номзадии Орлич, 75 вакил муқобили он раъй додаанд.

Раиси Маҷлиси миллӣ соли 1983 дар Белгради Югославия таваллуд шуда, хатмкардаи факултети электротехникаи университети Белград ва дорои ихтисоси электротехника ва кибернетика мебошад. Узви ҳизби прогрессивии Сербия аст.

Ҳамчунин, зимни ҷаласа вакилони парлумон 7 муовини раиси Маҷлиси миллии Сербияро интихоб карданд.

**Оҷонсии иттилоотии «Красная весна»**

# ПАРЛАМЕНТИ АЗ ҲАМА ХУРДТАРИНИ ҶАҲОН



**Иёлоти Федеративии Микронезия давлатест, ки дар ҷазираҳои Каролина воқеъ буда, дар он парламенти аз ҳама хурдтарин фаъолият мекунад.** Парламенти якпалатагии ин кишвар аз 14 вакил иборат аст, ки чор нафари онҳо аз ҳар як иёлат якнафарӣ ба муҳлати чор сол ва 10 нафари дигарро дар ҳавзаҳои якмандата ба муҳлати ду сол интихоб мекунанд. Аъзои парламент узви ягон ҳизб нестанд, зеро дар ин кишвар ҳизби сиёсӣ вуҷуд надорад. Аҳолии Микронезия беш аз 100 ҳазорро ташкил мекунад.

**Сомонаи «ЦИК Россия»**

**Таҳияи Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»**

## Гарону дастнорас

# МУШКИЛИ ИҶОРА ДАР ДУШАНБЕ

**Иҷора. Ба ин калима аксари нафароне, ки аз деҳоти ҷумҳурӣ ба пойтахт меоянд, шиносанд, балки сабаби ташвишҳои зиёдашон низ гардидааст. Гаронӣ ва дастнорас будани хонаи иҷора дар Душанбе ҳоло мушкили асосии сокинони бешумори шаҳр ба шумор меравад.**

### ИҶОРА АЗ ЧАНД СОМОНӢ ОҒОЗ МЕШАВАД?

Дар пойтахт нафароне иҷоранишин мешаванд, ки аз деҳот омадаанд ва дар ин ҷо вобаста ба касбу корашон фаъолият доранд. Табиист, ки ҳоло аксари онҳо аз нархи баланди хонаи иҷораашон шикоят мекунанд. Ба шикоят кардан ҳақ ҳам доранд. Зеро таҳлили мо дар сомонаҳои эълон нишон дод, ки қимати қисми зиёди иҷораҳо аз маоши намояндагони касбу кори гуногун гаронтар аст.

**Ба ҳисоби миёна чунин нархро дучор омадем:**

- Арзиши иҷораи якхонагӣ аз 1500 сомонӣ боло.
- Арзиши иҷораи духонагӣ аз 1700 сомонӣ боло.
- Арзиши иҷораи сехонагӣ аз 2000 сомонӣ боло.
- Арзиши иҷораи чорхонагӣ аз 2200 сомонӣ боло.
- Арзиши иҷораи панҷхонагӣ аз 2400 сомонӣ боло.



Ин рақамҳоро дилхоҳ нафар метавонад аз сомонаҳои эълон дарёфт кунад ва ё аз нафароне, ки байни иҷорадеҳону иҷорагирон миёнарав мешаванд, пурсад. Муҳимтар аз ин, масъалаи гаронии иҷора мебошад. Яъне, ба фикри инҷониб, мантиқ гум мешавад, вақте ки имзои мо дар шартномаи меҳнатӣ зери 1200 сомонӣ меистад, вале арзиши хонаи иҷораамон аз 1500 сомонӣ болост.

Ба болои ин ҳама гарониҳо, бояд гуфт, ки боз ҳам дар нархҳои зикршуда хонаи иҷора ёфтан мушкил аст: лавозимоти рӯзгор надоранд, макони ҷойгиршавиашон қулай нест (мактаб, боғчаи кӯдакон, фурӯшгоҳ аз хона дур ҳастанд) ва ғайраҳо.

### ЧӢ ГУНА МЕТАВОН ДАР ПОЙТАХТ СОҲИБИ ИҶОРА ШУД?

Се роҳи мувофиқ мавҷуд аст, ки бисёриҳо дар Душанбе соҳиби иҷора шаванд:

**Якум,** хонаи хешу табор, дӯст ва ё шиносашонро ба иҷора мегиранд.

**Дуюм,** дар ду ва ё зиёда корхона кор мекунанд.

**Сеюм,** дар муассисаву ташкилоти хориҷӣ фаъолият мекунанд ва ё ба тиҷорат машғул мешаванд.

Дар бобати гурӯҳи аввал ба бисёр нафарон вохӯрдан мумин аст, ки танҳо бо ин роҳ имкони дар Душанбе зиндагӣ карданро доранд. Онҳо хешу табор ва ё дӯсту шиносе доранд, ки хонаи иловагӣ дошта, бе пул ё бо пули кам иҷора медиҳанд.

Вобаста ба гурӯҳи дуюм гуфтан мумкин аст, ки ҳоло дар пойтахт чунин нафарон бисёранд. Албатта, дар як вақт ду ҷо фаъолият кардани шаҳрвандони Тоҷикистон расман мумкин нест, вале ин ҳолат ҷой дорад ва инро аксарият медонанд.

Гурӯҳи сеюми одамон бошанд, дар муассисаву ташкилоти хориҷие, ки дар ҷумҳурӣ фаъолият доранд, вобаста ба касбашон кор мекунанд. Фарқи онҳо ин аст, ки маоши баланд мегиранд ва имкони пардохти маблағи хонаи иҷораро доранд.

### МУШКИЛИ ДИГАР

Бо вуҷуди гарону дастнорас будани хонаи иҷора дар Душанбе боз мушкиле дар миён аст, ки ба ҳеҷ ваҷҳ ҳалли он имкон надорад.

Ҳоло мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, вақте ки сокинони шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ истиқоматкунандаи пойтахти кишвар мешаванд, бояд худро дар маҳали зисташон ба қайд гиранд, дар акси ҳол аз ҷониби масъулин ҷарима мешаванд.

Дар ин маврид, ҳуқуқшинос Беҳрӯз Султонов чунин гуфт:

- Шаҳрвандоне, ки худро аз қайди маҳали зист баровარда, дар муҳлати муқарраргардида ба қайди ҷои лозима ё қайди ҷои минбаъдаи истиқомат намегузоранд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Ҳангоми санҷиш аз ҷониби шахсони салоҳиятдор ошкор гардид, ки шаҳрванд дар муҳлати муайянгардида худро ба қайд нагирифтааст, мутобиқи талаботи моддаи 469 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавод тартиб дода мешавад. Мутобиқи ин моддаи қонун, чунин навъи ҷазо пешбинӣ шудааст:

«Моддаи 469. Маскуният бе шиноснома ё бидуни қайд

1. Барои бе шиноснома маскун будани шаҳрвандоне, ки бояд шиноснома дошта бошанд ё бо шиносномаи беэътибор, инчунин бидуни қайд зиндагӣ кардан, ба андозаи аз як то ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад.

2. Барои дар давоми як соли баъди таъини ҷазои маъмурӣ содир кардани кирдори дар қисми якуми ҳамин модда пешбинишуда, ба андозаи аз ду то се нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад».

Муаммо ин аст, ки бояд ҳар иҷоранишин худро дар маҳали зисташ ба қайд гирад, вале мутаассифона, иҷорадиҳандагон барои дар қайди хонаашон гузоштан розӣ намешаванд, зеро онҳо намехоҳанд ба як иҷоранишин, ки барояшон чандон шинос нест, чунин имкон диҳанд.

### БА КИҲО ДАР ДУШАНБЕ ХОНА ИҶОРА НАМЕДИҲАНД?

Ҷои баҳс нест, ки аксари донишҷӯёни донишгоҳу донишкадаҳои пойтахт аз навоҳии дурдастанд. Агар бархе дар хонаи хешу табор ва хобгоҳҳо иқомат кунанд, пас, бешубҳа, метавон гуфт, ки қисми зиёдашон дар ҷустуҷӯи хонаи иҷора мешаванд. Мутаассифона, бархе аз соҳибони иҷораҳо ба донишҷӯён ҳоло хонаашонро барои иҷора намедиҳанд. Онҳо ба он фикранд, ки донишҷӯён вазъи хонаашонро хароб мекунанд.

Илова бар ин, дар сомонаҳои эълон ба эълонҳое ҳам дучор меоем, ки соҳибхонаҳо хонаҳояшонро ба иҷора додан мехоҳанд ва дар зер чунин таъкид мекунанд. «Ба донишҷӯён дода намешавад, лутфан нороҳат накунанд».

### ХУЛОСА

Ҳоло аксари иҷорадиҳандагон хонаҳояшонро ба қавле пинҳонӣ, бе шартномаи хаттӣ ба иҷора медиҳанд ва ҳар навъе, ки хоҳанд, арзишашро муайян мекунанд. Ба фикри инҷониб, агар масъулин ба бозори иҷора дар Душанбе, ба иҷорадиҳандагон аҳамият диҳанд, мушкилоти мавҷуда то андозае роҳи ҳалро меёбад, дар акси ҳол рӯз аз рӯз иҷораҳо гарону иҷорагирон саргардон мешаванд.

**Ҳ. ТОҲИРӢ, «Садои мардум»**

## Осорхонаҳои кишвар



# ШИНОСОӢ БО ПАНҶАКЕНТИ ҚАДИМ ДАР ОСОРХОНАИ МИЛЛИИ БОСТОНИИ ТОҶИКИСТОН

**Осорхонаи миллии бостонии Тоҷикистон яке аз муассисаҳои фарҳангии зодаи замони Истиқлолияти давлатии кишвар маҳсуб ёфта, 4 апрели соли 1996 дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе ташкил ва дар арафаи ҷашни 10 - солагии Истиқлолияти давлатии ҷумҳурӣ дари худро барои сокинон ва меҳмонони пойтахт боз кард. Бозёфти бойгонии осорхона беш аз 100 ҳазор ададро ташкил намуда, аз асри санг то охири асрҳои миёнаро дар бар мегирад. Машҳуртарини ин ганҷина муҷассамаи 12-метраи «Буддо дар ҳолати нирвана» ва деворнигораҳои Панҷакенти қадиманд. Мо толори Панҷакенти қадимро, ки дар ошёнаи дуюми Осорхонаи миллии бостонии Тоҷикистон ҷойгир аст, тамошо кардем.**

- Толори мазкур соли 2001 баробар бо таъсиси осорхона таъсис ёфт. - Дар он намунаҳои ҳунари санъати тасвирӣ, ҳайкалтарошӣ ва кандакориву дигар бозёфтҳои Панҷакенти қадим ба намоиш гузошта шудаанд. Ин бозёфт шаҳодат медиҳанд, ки суғдиҳо дар асрҳои V - VIII мелодӣ чӣ рӯзгор доштанд, - гуфт ходими илмии осорхона Абдураҳмон Пӯлодов.

Суғдиёни Панҷакенти қадим, ки аслан мардуми эронитабори шарқӣ буданд, бо забони суғдӣ ҳарф мезаданд ва хат низ доштанд, ки намунаҳои он асосан дар рӯи сафолпора, санг ва ашёи чӯбӣ боқӣ мондааст. Агар мо дар бораи дастхатҳо бо хати суғдӣ ҳарф занем, бозёфтҳои қалъаи кӯҳи Муғи ноҳияи Айнӣ пеши назар меоянд, ки солҳои 1932 - 1934 ёфт шудаанд. Тавассути ин бозёфт доир ба ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсии суғдиён дар арафаи ҳуҷуми арабҳо ба Осиёи Миёна маълумоти зиёд ва муҳими таърихӣ ба даст омадааст. Дар баробари мактубу навиштаҳои хусусияти ҳуқуқиву хоҷагидоридошта муҳаққиқон аввалин бор бо номи «Панча» ё ки «Панҷакент» дар ҳамин бозёфт дучор омаданд. Номи охирин шоҳи суғдӣ - Деваштич низ дар ҳамин навиштаҳо пайдо гардид.

Панҷакенти қадим яке аз шаҳрҳои зебоманзар ва хеле ташаккулёфта дар он замон будааст. Ин шаҳр аз 4 қисми асосӣ иборат буда, қисми аввали он шаҳристон аст. Дар ин қисмат асосан ҳунармандон, коҳинони маъбад, яъне диндорон ва савдогарону ашрофзодагон зиндагӣ мекардаанд. Қисмати дуюми шаҳр хонаҳои берунӣзшаҳрӣ будаанд, ки дар онҳо деҳқонон, хоҷагидорон ба сар мебурдаанд. Дар қисмати сеюм, ки дар он шоҳон ва ҳокимони Панҷакент иқомат доштанд, куҳандиз будааст. Қисмати чорум қабристон аст, ки дар он ҷасадҳо дар устухондонҳо, сағона ё ҳуҷраҳои махсус гузошта мешудаанд.



- Ин шаҳр дар асрҳои V - VIII, ки марҳилаи муҳими таърихӣ маҳсуб меёбад, басо ривоҷ ёфта буд, - шарҳ дод А. Пӯлодов. Он ду ибодатгоҳ, бозору растаҳои обод ва кӯчаҳои фарох дошт. Хонаҳои ашрофзодагон бо санъати хеле баланд бунёд ёфта буданд. Яке аз хусусиятҳои Панҷакенти қадим ин мавҷуд будани толори меҳмонпазироӣ, ба истилоҳи имрӯза меҳмонхона дар ҳар як хонаи истиқоматӣ буд. Меҳмонхонаҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки суғдиёни бостон дар замони хеш аз меҳмоннавозтарин мардуми давр будаанд. Дар яке аз деворнигораҳои Панҷакенти қадим дидан мумкин аст, ки толори пазироии меҳмонон нишастгоҳҳои махсус дорад.

Дар толори меҳмонпазироии суғдиён сутунҳо ва сарсутунҳо будаанд, ки онҳоро дар илми бостоншиносӣ кариятидаҳо меноманд. Кариятидаҳо ба сурати бонувон сохта шуда, ҳамзамон вазифаи асосии худ - нигоҳ доштани сақфи хонаро, ҳамчун сутун, иҷро менамуданд. Деворҳои пурнақшу нигор, кандакориҳои рӯи чӯб ва ороиши болои дастархон бо гузоштани ҳар гуна нуқлу навои миллии онвақтаи суғдиҳо далели он аст, ки суғдиён русуми меҳмоннавозиро бо санъати баланд ва шавқу завқ иҷро мекарданд.

Дар Панҷакенти қадим, ки 13 гектар масоҳат дошт, намояндагони панҷ дину мазҳаб зиндагӣ мекарданд. Чунин ҳолат аз таҳаммулпазирии мардуми Суғд шаҳодат медиҳад.



- Масалан, муҷассамаи Шива ва ҳамсари ӯ - Парвати, ки дар осорхона маҳфуз аст, мансубият ба дину фарҳанги ҳинду дорад, - ба муҷассамаи бузург ишора намуд А. Пӯлодов.

Дар Панҷакенти бостон мавҷуд будани муҷассамаи Шива ва Парвати далели он аст, ки мардуми Суғд бо мардуми ҳинду равобити иқтисодиву тиҷоратӣ ва фарҳангӣ низ барқарор намуда буданд.

Деворнигора бо тасвирҳои гули лола, ки ба асрҳои V - VI мансуб аст, соли 2010 аз ҷониби бостоншиносони русу тоҷик дар яке аз ҳуҷраҳои қасри ҳокимони Панҷакенти қадим пайдо гардидааст.

- Агар эътибор диҳед, гулҳои лола мисли муҳраҳои шоҳмот дар тасвирҳо ҷой дода шудаанд. Дар ҷое седонагӣ ва дар ҷои дигар - дутоӣ. Лолаҳои дар деворнигораҳо тасвирёфта далели онанд, ки дар ҳамон айём ҷашни «Сайри гули лола» дар Суғди бостон мавҷуд буд.

Шиносоӣ ва тамошои бозёфти зикршуда бинандаро бо дунёи рангини ниёконамон ошно сохта, дар дили ҳар тоҷик эҳсоси гарми ватандорӣ ва ифтихору сарфарозиро аз дирӯзи кишвару миллат ба вуҷуд меорад.

**Н. НИЗОМӢ, «Садои мардум»**

## Гӯшаи хабарҳои минтақа

**Ноҳияи Шуғнон аз баракати Истиқлолияти давлатӣ ба минтақаи ободу зебо ва маркази он ба шаҳраки замонавӣ табдил ёфт. Ҳукумати мамлакат барои рушди инфрасохтори ноҳия дар замони соҳибистиқлолии мамлакат беш аз 75 миллион сомонӣ ҷудо намуда, зиёда аз 600 нафар бо ҷои кор таъмин шуданд.**

# ШУҒНОН: ЗИЁДА АЗ 75 МИЛЛИОН СОМОНӢ БАРОИ РУШД

Дар зарфи 31 соли соҳибистиқлолӣ як қатор иншооти муҳими иқтисодию иҷтимоӣ бо маблағгузориҳои буҷети давлатӣ, бахши хусусӣ, шарикони рушд сохта, мавриди истифода қарор гирифтанд. Аз ҷумла, Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шуғнон соҳиби бинои нави замонавӣ гардид. Он аз ҷониби Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президент бо харҷи 8 миллион сомонӣ бунёд ёфт. Инчунин, дар маркази ноҳия биноҳои «Амонатбонк», шуъбаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, прокуратура, суд, шуъбаи Раёсати амнияти миллӣ, шуъбаи маориф ва даҳҳо иншооти дигар сохта шуданд.

Дар ҷараёни сафари корӣи соли 2021 ба ноҳия Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маркази он - шаҳраки Ваҳдат майдончаи муосири варзиширо мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд. Майдончаи варзишӣ барои бозии футболи хурд пешбинӣ гардида, аз ҷониби Федератсияи футболи мамлакат ба ҷавонону наврасони ноҳия ҳадя шуд.

Тавре раиси ноҳияи Шуғнон Ҷумъа Ҷумъазода иброз намуд, ҳоло дар ноҳия мактаби махсус ва 48 майдончаи хурди варзишӣ фаъолият мекунанд. Ҳамчунин, бинои нави маъмурии шуъбаи Агентии меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ мавриди истифода қарор гирифт, ки он аз 11 ҳуҷраи барҳавои корӣ ва 13 синфхонаи омӯзишӣ, маҷлисгоҳ барои 25 ҷои нишаст иборат буда, дорои беҳтарин шароити корию таълимӣ мебошад. Кор дар майдони Парчами давлатӣ низ оғоз ёфта, он дар масоҳати 2 ҳазору 300 метри мураббаъ доман густурда, лоиҳа бо арзиши 1 миллиону 200 ҳазор сомонӣ аз ҷониби Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шуғнон маблағгузорӣ мешавад.

- Дар ободонии Ватани маҳбуб ва таҳкими истиқлолияту ҳамбастагии миллати бостониамон сокинони бонангу номус ва сарбаланду заҳматпешаи ноҳия минбаъд низ пешсафу намуна хоҳанд буд, - хулоса кард раиси ноҳия.

**М. ИМОМНАЗАР, «Садои мардум»**

# СОҲИЛСОЗӢ Ё СОҲИЛВАЙРОНКУНӢ?

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2010 зимни мулоқот бо сокинони деҳоти «Ҷовидон» - и ноҳияи Ванҷ барои сохтмони пули мошингузар аз болои дарёи Ванҷоб, ки деҳаҳои Потов ва Ҷовидонро ба ҳам пайваст мекард, ба Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш доданд.**

Сохтмони пул 10 сол идома ёфта, ниҳоят ба охир расид. Аммо, ба гуфтаи мутахассисони соҳа, пул дар ҷои номувофиқ бино гардида, маҷрои оби Ванҷоб танг шуда, соҳилро шуста, чарогоҳи деҳаро ба харобазор табдил додааст.



Дар ин хусус борҳо мардум ба мутасаддиёни соҳа арзу шикоят карданд, вале танҳо соли гузашта қисмати болоии соҳил мустаҳкам карда шуд. Қисмати поёнии пул бошад, дар ҳолати ногувор қарор дорад.

Имсол бо сабаби гармои зиёд оби Ванҷоб аз маҷро баромада, чарогоҳи сокинонро шуста бурдааст.

Раиси Ҷамоати деҳоти «Ҷовидон» Рамазон Қурбонов хабар дод, ки ҳоло оби дарё пурра аз маҷро баромада, ба деҳа таҳдид дорад. Агар гармо чунин идома ёбад, хатари шуста бурдани боғоти деҳа аз эҳтимол дур нест.

Ба замми ин, сохтмончиён, тибқи нақша, то деҳа дар масофаи 500 - 600 метр сангу шағал рехта, роҳ бунёд намуданд, ки дар он маблағи зиёд сарф гардидааст. Агар чунин ҳолат идома ёбад, мумкин аст, ки роҳи сохта низ зери об монад. Дар он сурат кор мушкилтар хоҳад шуд.

Ба гуфти мутахассисон, агар қисмати соҳили поёнии пул каме мустаҳкам мешуд, дарё маҷрояшро меёфт ва ба мардум низ зарар намерасид.

Пас чаро мутахассисони вазорат чунин эҳтимолиятро дар кӯҳистон ба назар намегиранд?

**Пайшамбӣ ШОҲЗОДА, «Садои мардум»**

# ХУРРАМИИ ҶАҲОН АЗ КАСБИ ДЕҲҚОН АСТ

**Маъракаи кишти зироати кишоварзӣ дар хоҷагиҳои кишоварзии ноҳияи Тоҷикобод ба анҷом расид.**

Имсол, тибқи супориши Ҳукумати мамлакат, майдони кишти картошка нисбат ба соли сипаришуда 145 гектар зиёд карда шуд. Дар ҳама шаклҳои хоҷагидории ноҳия картошказор 2067 гектарро ташкил дод, ки 911 гектари он ба сохтори кишоварзӣ рост меояд. Ғаллазор аз ҳисоби кишти тирамоҳӣ ва баҳорӣ 1141 гектарро фаро мегирад. Кишоварзон, инчунин, дар майдони 150 гектар сабзавот ва 84 гектар зироати техникӣ кишт намуданд.

Қобили зикр аст, ки соли сипаришуда истеҳсоли картошка афзун гардида, кишоварзон дар ноҳия зиёда аз 26 ҳазор тонна маҳсулот ба даст оварданд.

Соли 2022 дар 15 гектар боғи нав бунёд шуда, дар талу теппаҳои ноҳия 8 гектар боғи куҳнаро барқарор карданд.

**Диловари МИРЗО, «Садои мардум»**

# ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии зерин озмун эълон менамояд:

### Дастгоҳи марказии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон:

**Сардори шуъбаи илм ва муассисаҳои таълимӣ - 1 ҷой**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**
- таҳсилоти олии гуманитарӣ;
- 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

***Маоши мансабӣ - 2 220,10 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ.***

**2. Сардори шуъбаи идоракунии корҳо ва назорат - 1 ҷой**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**
- таҳсилоти олии гуманитарӣ;
- 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

***Маоши мансабӣ - 2 220,10 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ.***

**3. Сармутахассиси раёсати табъу нашр ва матбуот - 1 ҷой**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**
- таҳсилоти олии касбии полиграфӣ, филологӣ ва журналистӣ;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

***Маоши мансабӣ - 1660 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ.***

**4. Сармутахассиси шуъбаи ҳифз ва истифодаи мероси таърихию фарҳангӣ - 1 ҷой**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**
- таҳсилоти олии касбӣ;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

***Маоши мансабӣ - 1660 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ.***

**5. Сармутахассиси шуъбаи ҳуқуқ, ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста - 1 ҷой**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**
- таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

***Маоши мансабӣ - 1660 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ.***

**6. Сармутахассиси бахши танзими техникӣ – 1 ҷой**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**
- таҳсилоти олии муҳандисӣ - сохтмонӣ, техникӣ;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

***Маоши мансабӣ - 1660 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ***

**7. Мутахассиси пешбари раёсати санъат - 1 ҷой**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**
- таҳсилоти олии касбии соҳаи санъат ва фарҳанг;
- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

***Маоши мансабӣ - 1352,90 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ.***

**8. Мутахассиси пешбари раёсати рушди муассисаҳои фарҳангӣ – фароғатӣ ва ҳунарҳои мардумӣ - 1 ҷой**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**
- таҳсилоти олии соҳаи фарҳанг, гуманитарӣ;
- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

***Маоши мансабӣ - 1352,90 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ.***

**9. Мутахассиси пешбари раёсати табъу нашр ва матбуот - 1 ҷой**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**
- таҳсилоти олии касбии полиграфӣ, филологӣ ва журналистӣ;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

***Маоши мансабӣ - 1660 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ.***

**10. Мутахассиси пешбари шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус - 1 ҷой**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**
- таҳсилоти олии касбӣ, ки иҷрои самараноки уҳдадориҳои мансабии маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

***Маоши мансабӣ - 1352,90 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ.***

**11. Мутахассиси пешбари шуъбаи аудити дохилӣ - 1 ҷой**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**
- таҳсилоти олии касбии иқтисодӣ;
- на кам аз 3 сол собиқаи меҳнатӣ аз рӯи ихтисос;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

***Маоши мансабӣ - 1352,90 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ.***

**12. Мутахассиси пешбари шуъбаи илм ва муассисаҳои таълимӣ - 1 ҷой**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**
- таҳсилоти олии гуманитарӣ;
- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

***Маоши мансабӣ - 1352,90 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ.***

**13. Мутахассиси пешбари шуъбаи ҳифз ва истифодаи мероси таърихию фарҳангӣ - 1 ҷой**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**
-таҳсилоти олии касбӣ, фарҳангшиносӣ, шарқшиносӣ ё таърихшиносӣ;
- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

***Маоши мансабӣ - 1352,90 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ.***

**14. Мутахассиси шуъбаи ҳифз ва истифодаи мероси таърихию фарҳангӣ - 1 ҷой**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**
- таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

***Маоши мансабӣ - 1112,20 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ.***

**15. Мутахассиси шуъбаи илм ва муассисаҳои таълимӣ - 1 ҷой**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**
- таҳсилоти олии касбӣ, гуманитарӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

***Маоши мансабӣ - 1112,20 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ.***

**Аз довталабон ҳуҷҷатҳои зерин талаб карда мешавад**:
- аризаи шахсӣ ба унвони роҳбари мақомоти давлатӣ;
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо бо 2 дона сурати андозаи 4х6 (маълумоти шахсӣ ва фаъолияти меҳнатӣ дақиқ ва фаҳмо нишон дода шавад);
- тарҷумаи ҳол (хаттӣ ва чопӣ);
- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки шахс собиқаи меҳнатӣ надорад);
- маълумотнома дар бораи вазъи саломатӣ (шакли № 038);
- нусхаи гувоҳномаи рақами мушаххаси андозсупоранда (ИНН);
- маълумот дар бораи даромад ва вазъи молу мулк;
- маълумотнома аз ҷои истиқомат;
- маълумотнома оид ба доштан ва ё надоштани доғи судӣ;
- нусхаи шиноснома;
- нусхаи шаҳодатномаи ақди никоҳ;
- нусхаи шаҳодатномаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ (СИН);
- маълумотнома аз ҷои истиқомат (ҳайати оила);
- маълумотнома (объективка) дар шакли хаттӣ ва электронӣ.

**ЭЗОҲ:** *Барои довталабон донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг, самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос, малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ зарур буда, донистани забонҳои хориҷӣ бартарӣ дорад.*

*Қабули ҳуҷҷатҳо - дар муҳлати 21 рӯз аз рӯзи нашри якуми эълон дар бораи гузаронидани озмун .*

**Суроғаи қабули ҳуҷҷатҳо ва баргузории озмун:**

***734025,* шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 34, тел. 223-19-71 ва 221-04-23,** сайти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон **www.vfarhang.tj**

---

**БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН!**

## ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № лот | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 410749 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат | Корбарӣ дар самти таҷдиди (корҳои бартарафкунӣ) атрофи кӯчаи Хуросони шаҳри Ваҳдат | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 13.08.2022 10:30:00 |
| 2 | 410742 | Филиали Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун» дар шаҳри Кӯлоб | Доруворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 11 | 13.08.2022 15:24:01 |
| 3 | 410744 | Муассисаи давлатии «Ҷаҳоннамо» | Платаи фаръӣ, компютери фардӣ, видеокарта ва видеокамера | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 12 | 23.08.2022 16:30:00 |
| 4 | 410745 | Идораи сохтмон ва меъмории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Панҷакент | Корҳои ободонӣ дар кӯчаи Навободи шаҳри Панҷакент | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 23.08.2022 18:25:00 |
| 5 | 410746 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи маркази ба номи Ӯроқбой Разоқов»-и шаҳри Панҷакент | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 108 | 24.08.2022 09:00:00 |
| 6 | 410747 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сохтмони бинои нави маъмурии Нозироти андози ноҳияи Шаҳритуси вилояти Хатлон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 24.08.2022 09:40:00 |
| 7 | 410750 | Муассисаи давлатии «Маркази тиббӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҷори бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 24.08.2022 13:45:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни «Сана ва вақти кушодани лифофаҳо» муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

---

## ВНИМАНИЕ К ПРЕДСТОЯЩЕМУ КОНКУРСУ!

**Проект «Раннему развитию детей для наращивания человеческого потенциала в Таджикистане» финансируемый Всемирным банком. Министерство финансов Республики Таджикистан объявляет конкурс на отбор по позициям:**
**Районный координатор А. Джоми**

Задача - поддержка Районного координационного комитета (РКК) в координации, содействии и мониторинге проектных мероприятий в целевом районе и обеспечении их выполнения в соответствии с основополагающими проектными документами и утвержденным районным планом Раннего развития детей (РРД) для своевременного и качественного достижения целей проекта.

- Не менее 5 лет опыта работы в отрасли образования, здравоохранения и/или первичной медико-санитарной помощи является преимуществом;
- Не менее 3 лет организационного и управленческого опыта в аналогичных заданиях: организация, управление и мониторинг групп отдельных лиц и/или фирм/НПО, предпочтительно в области развития детей в раннем возрасте. Данный опыт в проекте в международных организациях является преимуществом;
- Опыт работы с общественными организациями и местными сообществами (желательно по РРД);
- Опыт работы с государственными учреждениями и органами местного самоуправления (желательно по РРД).

**Необходимо иметь высшее образование в области образования, здравоохранения, экономики, со знанием таджикского и русского языков, хороший компьютерный навык обязателен.**

https://docs.google.com/document/d/1aFNG5IM5MBPAogDW1srdIA1kaec4qE1/edit?usp=sharing&ouid=10369326057758762471 4&rtpof=true&sd=true

**Кандидатам необходимо предоставить следующие документы:**
- Подписанное и датированное заявление на русском или таджикском языке на имя Координатора Проекта Гулова Д. В строке темы заявки следует указать должность, на которую претендент претендует, и краткое обоснование его/ее квалификации на эту должность;
- Подписанное и датированное резюме (CV) на русском или таджикском языке с контактной информацией двух человек, которые могут дать рекомендации;
- Копия диплома, трудовой книжки и других документов, подтверждающих необходимую квалификацию;
- Копия сертификатов и благодарностей, если таковые имеются.

Крайний срок подачи документов до 19 августа 2022 г., $16^{00}$ по местному времени.

**Документы необходимо подавать в бумажном виде и по электронной почте по следующему адресу:**
734025 Республика Таджикистан,
ул. Шероз, 7 этаж, Душанбе
(Офис ГРП РРД МФ РТ в здании МФ)
E-Mail: k.yuldashev@ecdp.tj
Tel: (+992) 98-797-00-95, 93-700-15-29
Главный специалист по закупкам ГРП РРД Сайфуллоев Мусо.

---

## ЭЪЛОН!

Саҳмдорони ҶСП «Тоҷик Кон» оид ба зиёд намудани сармояи Оинномаи ҷамъият 5 августи соли 2022 дар дафтари маркази ҷамъият бо суроғаи шаҳри Роғун, НБО «Роғун», майдончаи сохтмонии №1 маҷлиси умумӣ баргузор менамоянд.

## Эътибор надорад

✓Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии № 0241513-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №34-и ноҳияи И. Сомонии шаҳри Душанбе соли 2009 ба Раҷабов Далер Косимович додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи хатми синфи нуҳуми силсилаи А № 031627-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №25-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 1999 ба Худоёров Файзалӣ Умарович додааст, эътибор надорад.

✓Дипломи силсилаи БТ № 037920 таҳти қайди 167-и гумшуда, ки онро Мактаби милитсияи шаҳри Душанбе (ҳоло Академияи милитсия) соли 1982 ба Қурбанов Икрам додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникӣ бо рақами инвентарии 18204-и гумшуда, ки онро КФБТ-и шаҳри Ҳисор 12 июли соли 2012 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, Ҷамоати деҳоти Сомон, деҳаи Ваҳдат ба Сайдалиева Рисолат додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникӣ бо рақами инвентарии 24251-и гумшуда, ки онро КФБТ-и шаҳри Ҳисор 20 августи соли 2016 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, Ҷамоати шаҳраки Шарора, деҳаи Уртабуз ба Гафуров Ашур додааст, эътибор надорад.

✓Корти гурезагии А№0007576-и гумшуда, ки онро Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон соли 2018 ба Мирвайс Ҳасан Алӣ додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе соли 2009 бо суроғаи кӯчаи Роҳи нав, хонаи № 129 «а» ба Зоиров Абдукарим Абдухалилович додааст, эътибор надорад.

## Барҳам мехӯрад

✓Додобоев Исроил Қадирович бо Шаҳодатномаи соҳибкории № 0495588, РЯМ 0230098990, РМА 555058512 ва Иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии соҳибкорони инфиродӣ фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

---

**Хонандагони азиз, хабару гузориш ва матолиби мукаммалу таҳлилиро метавонед аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Садои мардум
Конститутсия - кафолати ҳуқуқи ҳомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

САРМУҲАРРИР
АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Неққадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов*

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

*Рӯзномаи «Садои мардум» 17 марти соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 122/РЗ - 97*

*Ба чопаш 5 августи соли 2022, соати 11:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33455 нусха*

Навбатдори шумора
Ҳ. Тоҳирӣ

Тарроҳони компютерӣ
Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров